# Фаъолияти департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2022

## Дар самти қонунгузорӣ

Ҷиҳати таҳкими қонунгузории кишвар дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (МҚД/МТ/МПСҚО) ва мутобиқ намудани он ба стандартҳои байналмилалӣ дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои байналмилалӣ дар соли 2022 корҳои назаррас анҷом дода шуданд.

Қобили қайд аст, ки раванди босуръати инкишофи муносибатҳои устувори иқтисодӣ, рушди технологияҳои муосир ва усулҳои нави хизматрасонии молиявӣ боиси такмил ёфтани тавсияҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии мубориза бар зидди пулшӯӣ (минбаъд - ФАТФ) гардида, зарурати такмил ва дар таҳрири нав пешниҳод намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом»-ро  ба миён овард.

Қонуни зикргардида соли 2011 қабул гардида, дар тӯли ин солҳо дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии ҷумҳурӣ тағйироти назаррас ба амал омада, усулҳои нави хизматрасониҳои молиявӣ пайдо гардиданд. Инчунин, дар тавсияҳои ФАТФ низ, ки стандартҳои байналмилалӣ дар ин самт ба ҳисоб меравад, бо рушди хизматрасониҳои молиявӣ як қатор тағйирот ворид гардид, ки ба қабул ва роҳандозии онҳо низ зарурат дида мешуд.

Ғайр аз ин, номукаммалӣ ва камбудиҳои ҷойдоштаи қонунгузории кишвар дар самти МҚД/МТ/МПСҚО ба рушди хизматрасониҳои молиявӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои муросилотии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, хусусан бо бонкҳои хориҷӣ низ таъсиргузор буда, такмили Қонуни соҳавӣ ва дар таҳрири нав таҳия кардани он ба миён омад.

Ҳамин тариқ, соли 2022 бо кумаки техникии Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА) ва бо ҷалби коршиносони сатҳи байналмилалӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» дар таҳрири нав таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 ноябри соли 2022, №544 маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Дар лоиҳаи Қонуни мазкур чораҳои пешгирикунандаи МҚД/МТ/МПСҚО мушаххасан оварда шуда, сабукиҳоро низ барои

субъектҳои ҳисоботдиҳанда дар амалӣ кардани ин чораҳо пешбинӣ менамояд. Лоиҳаи Қонун барои рушди босуботи хизматрасониҳои молиявӣ равона гардида, он имкон медиҳад ҳангоми дараҷаи баланди хавф чораҳои қатъии санҷиши дахлдори муштарӣ андешида шуда, дар ҳолати паст будани хавфҳо сабукиҳо дар амалӣ кардани ин чораҳо муқаррар карда шаванд.

Илова бар ин, хизматрасониҳои молиявӣ торафт рушд ёфта, роҳу усулҳои нави пешниҳоди онҳо ба миён омаданд, ки бо назардошти онҳо дар лоиҳаи Қонун ба таври фосилавӣ гузарондани санҷиши дахлдори муштарӣ, инчунин ҷалби миёнаравон ё тарафҳои дигари сеюм барои санҷиши дахлдори муштарӣ иҷозат дода шудааст.

Қобили қайд аст, ки ҷалби миёнаравон ё тарафҳои дигари сеюм зимни гузарондани санҷиши дахлдори муштарӣ метавонанд барои васеъ гардидани доира ва маҳалли хизматрасониҳои субъектҳои ҳисоботдиҳанда, аз ҷумла ташкилотҳои қарзии молиявӣ, беҳтар гардондани сатҳи хизматрасонии онҳо, коҳиш додани хароҷотҳои онҳо ва мувофиқан ба баланд гардидани қобилияти рақобатпазирии онҳо оварда расонад.

Лоиҳаи Қонуни таҳияшуда бо назардошти тавсияҳои ФАТФ ва дигар стандартҳои байналмилалӣ дар ин самт, талаботи муосир ва воқеияти имрӯза таҳия гардида, он қабл аз ҳама барои тақвият бахшидани низоми миллии МКД/МТ/МПСҚО, иҷрои уҳдадориҳои кишвар дар ин самт, инчунин ба рушди хизматрасониҳои молиявӣ равона гардидааст.

Бо мақсади мусоидат намудан ба ташкилотҳое, ки бо маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд (субъектҳои ҳисоботдиҳанда) барои иҷро намудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» вобаста ба пешниҳоди маълумот оид ба аҳд ва амалиёти шубҳанок лоиҳаи Роҳнамо «Дар бораи тартиби ошкор ва ирсол намудани маълумот оид ба аҳд ва амалиёти шубҳанок» таҳия ва бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 21 феврали соли 2022, №11 тасдиқ карда шуд.

Қобили қайд аст, ки аз ҷониби субъектҳои ҳисоботдиҳанда миқдори зиёди маълумот оид ба аҳд ва амалиёти шубҳанок бе таҳлили зарурӣ ва асоснокии кофии шубҳанокӣ пешниҳод мегардиданд, ки дар навбати худ ба самаранокии низоми МКД/МТ/МПСҚО таъсири манфӣ мерасонад. Зеро, ирсоли барзиёди маълумот оид ба аҳд ва амалиёти шубҳанок захираҳои мақоми ваколатдорро аз таҳлили амалиёт, ки воқеан асосҳои кофӣ барои шубҳа ба ҚД/МТ/МПСҚО доранд, дур намуда, ба сифати таҳлили чунин маълумот таъсир мерасонд.

Аз ин рӯ, қабули Роҳнамои болозикр ба субъектҳои ҳисоботдиҳанда дар ошкор намудани аҳд ва амалиёти шубҳанок ва ба мақоми ваколатдор ирсол намудани чунин маълумот кумак мерасонад.

Дар соли 2022, бинобар аз байн рафтани зарурат ба пешниҳоди баъзе аз ҳисоботҳои мансуб ба ҳисоботҳои оморӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон (минбаъд - Департамент) пешниҳод мешаванд, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 22 феврали соли 2022, №22 ба «Феҳрасти ҳисоботи оморӣ ва дигар ҳисоботҳое, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд» тағйирот ворид карда шуд.

Дар натиҷа, аз Феҳрасти мазкур шаклҳои ҳисоботии 70Г «Оид ба мушаххасоти кормандони (хазиначиёни) хазинаҳои амалиётии ташкилотҳои қарзие, ки ҳуқуқи анҷом додани амалиёти мубодилавиро доранд» ва 70Е «Оиди амалиётҳо тавассути чек ё вексел дар ташкилотҳои қарзӣ» хориҷ карда шуданд. Илова бар ин, мухлати пешниҳоди шакли ҳисоботии 70А «Ҳисобот оид ба муассисон, саҳмдорон ва молик-бенефитсиари ташкилотҳои қарзӣ», ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳар моҳ пешниҳод мегардид, ба нимсола ва ё дар ҳолати тағйир ёфтани муассисон, саҳмдорон ва молик-бенефитсиари онҳо тамдид карда шуд.

Дар баробари ин, ҷиҳати мукаммал намудан ва таъмини шаффофият дар татбиқи чораҳои таъсиррасонӣ вобаста ба вайрон кардани мухлати пешниҳоди ҳисоботҳо тавассути Ҳисоботи №101 «Оид ба аҳди/амалиёти шубҳанок ва ҳатман назоратшаванда» бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 8 июли соли 2022, №86 ба «Тартиби татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ нисбат ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, андозаи ҷарима барои риоя накардани мухлати пешниҳоди Ҳисоботи №101 «Оид ба аҳди/амалиёти шубҳанок ва ҳатман назоратшаванда» ё нопурраву носаҳеҳ пешниҳод намудани он дар ҷадвали алоҳида пешбинӣ гардид.

## Фаъолияти амалӣ

Дар самти фаъолияти амалӣ бошад, аз ҷониби департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор дар самти МҚД/МТ/МПСҚО тамоми чораҳои зарурӣ ҷиҳати мусоидат ба таъмини амнияти миллии кишвар андешида мешавад.

Дар ин замина, доир ба масъалаи ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ватанӣ ва мақомоти кашшофии молиявии хориҷӣ

диққати махсус дода мешавад, ки ин дар ошкор ва пешгирӣ кардани ҳолатҳои марбут ба КД/МТ/МПСКО ва доштани алоқамандӣ нақши арзанда дорад.

Дар соли 2022, ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ватанӣ ва мақомоти кашшофии молиявии хориҷӣ тақвият дода шуда, 277 адад дархостҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ватанӣ ва 36 адад дархостҳои мақомоти кашшофии молиявии хориҷӣ баррасӣ ва ба онҳо ҷавобҳои мушаххас дода шудааст. Инчунин, дар рафти баррасии дархостҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таҳлилҳои ҳамаҷонибаи маводҳои ташаббусии Департамент 28 адад дархост ба мақомоти кашшофии молиявии хориҷӣ ирсол карда шудааст.

Илова бар ин, бо мақсади иҷрои ваколатҳо ва уҳдадориҳои тибқи талаботи қонунгузории кишвар вогузоршуда, инчунин мусоидат ба амнияти миллӣ ва суботи молиявии кишвар ҳамарӯза амалиётҳои бонкии дорои хусусияти шубҳанок, ки унвонии Департамент ворид мегарданд, таҳти мониторинги доимӣ қарор дода мешаванд. Дар сурати ошкор шудани маълумоти қобили таваҷҷуҳ, таҳлилҳои ҳамаҷонибаи онҳо гузаронида шуда, натиҷаи он ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар аз рӯи салоҳдид барои чораандешии минбаъда ирсол мегардад.

Чунончи, дар ин давра дар самти ошкор ва пешгирии ҳолатҳои маблағгузории терроризм ва шомилшавии шаҳрвандон ба гурӯҳҳои террористӣ-экстремистӣ, инчунин пешгирӣ аз ҳолатҳои қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар умум 60 маводҳои ташаббусӣ *(56 мавод дар самти пешгирии маблағгузории терроризм ва 4 мавод дар самти пешгирии ҳолатҳои қонунигардонии даромадҳо)* барои гузаронидани корҳои тафтишотӣ ирсол карда шудааст.

*Мисоли пешгирии ҳолати маблағгузории гурӯҳи ҷиноятпешаи террористӣ*: Дар натиҷаи мушоҳидаҳо ва мониторинги пайвастаи шабакаҳои иҷтимоӣ ҳолате ошкор гардид, ки аз ҷониби як нафар шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон *(бо номи шахси А)* дар яке аз шабакаҳои иҷтимоӣ саҳифа кушода шуда, номбурда тариқи он ба тарғибу ташфиқ ва даъвати шаҳрвандон ба ҷиҳод машғул буда *(ҳатто аз мушоҳидаи яке аз наворҳои видеоӣ маълум аст, ки шаҳрвандони кишвар, бахусус ҷавонон бо забони тоҷикӣ зери парчами давлати исломӣ барои анҷом додани амали ҷиҳод савганд ёд мекунанд)*, ҳамчунин аз хоҳишмандон ва тарафдорони ин гуна ақидаҳо даъват ба амал меорад, ки бо мақсади эҳтиёҷот ба ҷиҳод маблағҳои пулӣ ҷамъоварӣ намоянд. Бо ин мақсад шахси "А" дар саҳифаи худ рақами ҳамёни криптоасъории худро, ки дар биржаи криптоасъории "Бинанс" ба қайд гирифта шуда буд, ҳамчун восита барои ҷамъоварии маблағҳои пулӣ ба навор мегузорад.

Дар ин раванд, бо истифода аз имкониятҳои корбарӣ бо шарикони хориҷӣ нисбат ба рақами ҳамёни криптоасъорӣ корҳои таҳлилӣ дар самти муайян намудани алоқамандони молиявии ин гурӯҳи ҷиноятпеша ба роҳ монда шуда, муайян гардид, ки ба номи ин гурӯҳи ҷиноятӣ дар ҳамёни пешниҳодшуда аллакай аз ҷониби баъзе шаҳрвандони гуногуни дохилию хориҷӣ маблағҳои калони пулӣ гузаронида шудааст.

Ҷиҳати пайгирии ин ҳолат бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ мубодилаи иттилоот ба роҳ монда шуда, аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳолати алоқамандии шахси "А", инчунин дигар алоқамандони молиявии он, бахусус шаҳрвандони кишвар ба ҷиноятҳои хусусияти террористидошта муайян ва ошкор карда шуд, ки дар натиҷа нисбат ба онҳо бо дастрасии моддаҳои дорои хусусияти террористӣ парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардид *(тафтишоти ҷиноят аз сабабе, ки характери трансмиллӣ дида мешавад, идома дорад)*.

<u>*Мисоли пешгирии ҳолатҳои ҷиноятҳои асосӣ (предикатӣ) ва КД*</u>**:** Зимни таҳлили маълумоти шубҳанок муайян гардид, ки аз ҷониби ширкати "В" дар давраи солҳои 2019-2022 ба хориҷи кишвар шумораи зиёд ва дар ҳаҷми махсусан калон маблағҳои пулӣ бо таъйиноти пардохти харидории молу маҳсулот интиқол шудааст, ки бо доштани чунин сармояи оинномавии кам (дар ҳаҷми 1 000 сомонӣ) ва кам пардохт гардидани ҳаққи андоз пеш бурдани фаъолияти пуриқтидори тиҷоратӣ шубҳаи зиёдро нисбат ба ширкати мазкур пеш овард.

Дар ин ҷода, ҳангоми гузаронидани таҳлилҳо бо ҷалби дигар мақомоти дахлдори кишвар муайян гардид, ки ширкати "В" дар давраи солҳои 2019-2022 ҳамагӣ аз маблағҳои ба хориҷи кишвар интиқолнамудааш, тақрибан дар ҳаҷми 20% молу маҳсулот ба қаламрави кишвар ворид намудаасту халос. Аз ин маълум мегардад, ки ширкати мазкур бо роҳи тайёр намудани эъломияи бори гумрукии сохта ва пешниҳоди он ба ташкилотҳои қарзии молиявии хизматрасон тавонистааст маблағҳои калони пулиро ба хориҷи кишвар интиқол диҳад (яъне мақсади интиқоли маблағ ба хориҷ на харидории молу маҳсулот, балки баровардани он аз кишвар ба хориҷ ба ҳар роҳу воситаи ҷиноятӣ).

Инчунин, ҳангоми таҳлили амалиётҳои бонкии ширкати "В" муайян мегардад, ки бо мақсади қабул намудани пардохтҳои ғайринақдӣ аз яке бонкҳои кишвар барои пешбарии тиҷорати худ постерминал дастрас намудааст. Ҳамин тавр, ширкат тариқи постерминал шумораи зиёди маблағҳои пулии гӯё аз роҳи фурӯш пардохтшударо тариқи ғайринақдӣ қабул менамояд.

Ҳолатҳои шубҳаовар дар он буд, ки шахсони пардохткунандаи маблағ - шаҳрвандон аз дохили мамлакат не, балки шаҳрвандони кишварҳои ИМА, Австралия, Юнон, Камбоҷа ва ғайра ба ҳисоб мерафтанд. Баъди чанд муддат маълум мегардад, ки дорандагони кортҳои пардохтии бонкии шаҳрвандони кишварҳои дар боло зикршуда ба шабакаи байналмилалии пардохтии "VISA" оид ба тасарруф шудани маблағҳояшон муроҷиат намуда, аз "VISA" талаб менамоянд, ки маблағҳои тасарруфшудаи онҳо баргардонида шаванд.

Дар ин замина, шабакаи байналмилалии пардохтии "VISA" бо дархости дорандагони кортҳо, ки маблағҳои онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасарруф шудаанд, тибқи тартиби ҷойдошта маблағҳои онҳоро на аз суратҳисоби мизоҷ, балки ба таври мустақим аз суратҳисоби муросилотии бонки хизматрасон танҳо бо огоҳонидан бозпас намудани маблағ ба дорандагони кортҳо барқарор менамояд, ки дар ин ҳолат бонк зарари калони молиявӣ мебинад.

Баъди ба роҳ мондани мубодилаи иттилоот бо мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқи кишвар муайян ва ошкор мегардад, ки масъулини ширкати "B" (бахусус роҳбари он) ба ҷинояткорӣ роҳдода, нисбати он барои содир намудани амалҳои қаллобӣ, тасарруф шудани маблағҳо, барнагардонидани воситаҳо бо асъори хориҷӣ, саркашӣ аз пардохтҳои андоз ва ғайра парвандаи ҷиноятӣ оғоз мегардад.

## Назорат дар самти МҚД/МТ/МПСҚО

Дар соли ҳисоботӣ ҷиҳати назорат дар самти МҚД/МТ/МПСҚО санҷиши ҳамаҷонибаи 6 ташкилоти қарзии молиявӣ (2 бонк ва 4 ташкилоти амонатии қарзии хурд) ва санҷиши мавзуии 4 бонк вобаста ба иҷро намудани талаботи қонунгузории ҷумҳурӣ дар ин самт гузаронида шуда, санадҳои дахлдор тартиб дода шуданд.

Инчунин, дар рафти таҳлили фосилавии маълумоти баъзе аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳолатҳои риоя нагардидани қонунгузории соҳаи МҚД/МТ/МПСҚО муайян гардида, ду корманди бонк аз вазифаи ишғолнамудаашон озод, инчунин нисбати ду шахси мансабдори масъули як ташкилоти қарзии молиявӣ протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуд, ки онҳо барои моҳиятан дидан ба Суд аз рӯи тобеият ирсол карда шуданд.

Боиси қайд аст, ки бо қарори ҷаласаи Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО, Шурои комплаенс ҳамчун мақоми машваратӣ байни мақомоти танзим ва назорат ва субъектҳои ҳисоботдиҳанда

таъсис дода шуд, ки камбудиҳои ҷойдошта дар фаъолияти субъектҳои ҳисоботдиҳанда бартараф карда шаванд.

Бо ин мақсад, санаи 17 июни соли 2022 ҷаласаи аввалини Шурои комплаенс бо иштироки намояндагони Департамент, мақомоти танзим ва назорат ва субъектҳои ҳисоботдиҳанда дар бинои Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида шуда, аъзои Шурои мазкур дар ҳайати намояндагон аз вазоратҳои адлия, молия, Хадамоти алоқа ва дигар субъектҳои ҳисоботдиҳанда тасдиқ гардид.

## ҚАБУЛ ВА КОРКАРДИ ИТТИЛООТ АЗ СУБЪЕКТҲОИ ҲИСОБОТДИҲАНДА

Барномаи коркарди маълумотҳои департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ба мисли дигар мақомоти кашшофии молиявӣ барои ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили миқдори зиёди маълумот оид ба пешгирии қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва инчунин автоматикунонии раванди баррасии парвандаҳо пешбинӣ шудааст.

Яке аз самтҳои муҳим ва асосии пешбурди фаъолият барои мақомоти кашшофии молиявӣ ин ҷамъоварии маълумот аз ҷониби ташкилотҳое, ки бо маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд, ба ҳисоб меравад. Барномаи коркарди маълумотҳои Департамент ҳамарӯза аз ҷониби ташкилотҳое, ки бо маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд, дар шакли муайяншуда маълумот оид ба аҳд/амалиётҳои шубҳанок ва ҳатман назоратшавандаро ҷамъоварӣ менамояд. Маълумоти дастрасшуда дар барномаи махсус маҳфуз нигоҳ дошта шуда, танҳо барои гузаронидани корҳои таҳлилӣ истифода бурда мешаванд.

Дар ин раванд, Департамент давра ба давра ташкилотҳое, ки бо маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд ба низоми ҳисоботсупории худ ворид намуда истодааст. Ба интиҳои соли 2022 шумораи ташкилотҳое, ки бо маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд, ба 340 адад баробар буда, дар диаграммаи зерин оварда шудааст.

*Диаграммаи 1. Шумораи умумии субъектҳои ҳисоботдиҳанда*




Доду гирифти маълумот бо субъектҳои ҳисоботсупоранда тавассути кормандони мутасаддӣ, бахусус, бо кормандони комплаенс дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ки барои онҳо чиҳати ирсоли ҳисоботҳо рамзи махсус дода шудааст, ба роҳ монда мешавад.

*Диаграммаи 2. Шумораи умумии кормандони комплаенс ва масъули субъектҳои мониторинги молиявӣ дар соли 2022*




Дар соли 2022 аз ҷониби кормандони Департамент ба шахсони мутасаддии субъектҳои ҳисоботдиҳанда 12 омӯзиш ҷиҳати сари вақт ва дуруст пешниҳод намудани ҳисоботи №101 “Оид ба аҳди/амалиёти шубҳанок ва ҳатман назоратшаванда” гузаронида шуда, дар ин замина ба онҳо номи истифодабаранда ва рамзи махфӣ оиди дастрасӣ ба барномаи коркарди маълумотҳо дода шудааст.

Новобаста аз он, ки ба шахсони мутасаддии субъектҳои ҳисоботдиҳанда омӯзиш гузаронида мешаванд, то ҳол дар пешниҳоди ҳисоботҳо ба хатогиҳои техникӣ роҳ дода мешавад. Ҳисоботҳои манзуршудаи субъектҳои мониторинги молиявӣ аз рӯи амалиётҳои онҳо, ки мутобиқи тартиби пур намудани шакли ҳисоботӣ “Оид ба аҳди/амалиёти шубҳанок ва ҳатман назоратшаванда” пешниҳод мегарданд, давра ба давра ба танзим даровcovarда мешаванд.

Бо мақсади роҳ надодан ба чунин ҳолатҳо, аз ҷониби Департамент дар баробари гузаронидани омӯзишҳои даврӣ, ба шахсони мутасаддии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҷиҳати бартарафсозии хатогиҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ низ гузаронида мешавад.

*Диаграммаи 3.* Фоизи хатогиҳо дар ҳисоботҳои пешниҳодшудаи субъектҳои мониторинги молиявӣ




Боиси қайд аст, ки қабули ҳисоботҳо аз рӯи субъектҳои ҳисоботдиҳанда бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ пурра ба роҳ монда шуда, боқимонда субъектҳои ҳисоботдиҳанда бошад, қисман ё ин, ки дар раванди пайвастшавӣ ба низоми ҳисоботсупорӣ қарор доранд.

## Дар самти ҳамкории байналмилалӣ

Департамент бо сохторҳои байналмилалӣ ва шарикони хориҷӣ дар соҳаи МКД/МТ/МПСҚО ҳамкорӣ, ҳамоҳангӣ ва мубодилаи маълумотро мунтазам анҷом дода, дар соли ҳисоботӣ “Ёддошти тафоҳум байни Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ва Департаменти мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодии назди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” ба имзо расонидааст. Бояд қайд кард, ки санадҳои ҳамкорӣ бо як қатор мақомоти

кашшофии молиявии хориҷии дигар дар баррасии мақомоти дахлдори ҷумҳурӣ ва он ҷонибҳо қарор дорад.

Ҷиҳати густариши ҳамкориҳои амалӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва дар ин замина татбиқ намудани чорабиниҳо аз қабили гузаронидани назарсанҷишҳо, давра ба давра курсҳо, семинарҳо ва тренингҳо, ки барои равнақ додани донишу малакаи кормандони низоми миллии МКД/МТ/МПСҚО-и ҷумҳурӣ мусоидат менамояд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад.

Дар баробари ин, бо намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба муҳокимаи самтҳои имконпазири ҳамкорӣ гуфтушунидҳо анҷом дода шуда, яке аз масъалаҳои муҳим, Баҳодиҳии хавфи миллии қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм (БХМ ҚД/МТ)-и навбатӣ дар ҷумҳурӣ буда, дар доираи кумаки техникии Дафтари барномаҳои Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) дар Душанбе гузаронидани он ба мувофиқа расид.

Бо ин мақсад, санаи 8 феврали соли 2022 дар бинои Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Гурӯҳи корӣ оид ба БХМ ҚД/МТ бо иштироки намояндагони мақомоти дахлдори кишвар баргузор гардида, масъалаҳо оид ба баргузории БХМ ҚД/МТ-и навбатӣ, ки бо ҷалби коршиноси байналмилалӣ аз ҷониби САҲА оғоз мегардад, баррасӣ гардиданд.



Дар баробари ин, соли ҳисоботӣ бо назардошти ҳамкориҳои судманд бо Дафтари барномаҳои САҲА дар Душанбе ҷиҳати азнавкунонии барномаи коркарди маълумотҳои Департамент Созишнома миёни Бонки миллии Тоҷикистон ва он ҷониб ба имзо расонида шуд.

Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки дар доираи чорабиниҳои Нақшаи лоиҳавии кумаки техникӣ ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳо дар самти МКД/МТ/МПСҚО, ки баъди нашри Ҳисоботи дуюми баҳодиҳии тарафайни ҷумҳурӣ ба амал омад, ҳамкорӣ бо ниҳодҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шудааст.

Ҳамзамон бо ин, бо максади баррасӣ ва муҳокимаронии масъалаҳои марбут ба самти МКД/МТ/МПСҚО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МКД/МТ/МПСҚО амал менамояд, ки дар он роҳбарони мақомоти дахлдори давлатӣ аъзо мебошанд. Дар ин давра ду маротиба ҷаласаҳои Комиссияи мазкур ташкил ва гузаронида шудааст.

Санаи 01 июли соли 2022 дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МКД/МТ/МПСҚО таҳти роҳбарии Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Зариф Ализода (роҳбари Комиссия), муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс бо иштироки намояндагони мақомоти дахлдори кишвар ва департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардид.



Дар ҷаласа маълумот оид ба иҷроиши нақшаи чорабиниҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба рафъи камбудиҳои мутобиқати техникӣ ва баланд бардоштани самаранокии низоми МҚД/МТ/МПСҚО” пешниҳод гардида, ба вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати иҷрои пурраи бандҳои вобастаи самти онҳо барои чораҷӯӣ аз тарафи роҳбари Комиссия супоришҳо дода шуд.

Инчунин, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” дар таҳрири нав муҳокима гардида, ба маълумот расонида шуд, ки лоиҳаи қонуни мазкур барои баррасӣ унвонии вазорату идораҳои ҷумҳурӣ ирсол карда шудааст. Роҳбари Комиссия дар таҳрири нав таҳия намудани қонуни мазкурро бо назардошти ба инобат гирифтани тавсияҳои ФАТФ яке аз афзалиятҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон шуморида, қайд намуд, ки қабули санади соҳавии МҚД/МТ/МПСҚО барои таҳкими низоми зикршуда ва рушди хизматрасониҳои молиявӣ мусоидат менамояд ва аъзои Комиссияро барои ҳарчи зудтар баррасӣ намудани лоиҳаи қонуни мазкур даъват намуд.

Ҷаласаи дигари Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО санаи 01 ноябри соли 2022 бо иштироки роҳбар ва дигар мақомоти дахлдори кишвар баргузор гардида, дар қатори дигар масъалаҳои муҳимми баррасишаванда, баргузории ҷаласаи 37-уми пленарии ГАО, ки моҳи ноябри соли 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифта шуда буд, ба ҳисоб мерафт.



Бо ин мақсад, иштирокдорони ҷаласа вобаста ба раванди тадорукотӣ-ташрифотӣ ва баргузории маъракаи сиёсӣ ибрози ақида намуданд, ки дар ҳамкории мутақобила мақомоти дахлдори кишвар тибқи нақша иҷроиши чорабиниҳои дарпешистода пайгирӣ карда мешаванд. Дар идомаи ҷаласа Роҳбари Комиссия оид ба масъалаҳои вогузоршудаи самти МКД/МТ/МПСҚО ёдрас шуда, барои саривақт иҷро намудани онҳо, аъзои Комиссия - намояндагони вазорату идораҳои кишварро таъкид намуд.

Ҳамин тариқ бо супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 октябри соли 2022, №17/10-34972 37-умин ҷаласаи пленарии ГАО аз 21 то 25 ноябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе баргузор карда шуд. Дар ҳафтаи пленарӣ, дар маҷмуъ 237 нафар аз давлатҳои аъзои ГАО, нозирон ва намояндагони институтҳои байналмилалӣ ширкат варзиданд ва аз ин 173 нафар ба таври ҳузурӣ иштирок доштанд. Рӯзҳои 21-22 ноябр гурӯҳҳои кории ин ниҳод, аз қабили Гурӯҳи корӣ оид ба баҳодиҳии тарафайн ва масъалаҳои ҳуқуқӣ, Гурӯҳи корӣ оид ба типологияҳо ва муқовимат ба маблағгузории терроризму ҷинояткорӣ ва Гурӯҳи корӣ оид ба кумаки техникӣ масъалаҳои вобастаи самти худро баррасӣ намуданд.

Дар доираи ҷаласаҳои гурӯҳҳои корӣ масъалаҳои марбут ба ворид намудани тағйирот ба раванди даври дуюми баҳодиҳии тарафайни ГАО, ҳисоботҳои ҷумҳуриҳои Беларус, Қирғизистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин, механизми мониторинги ҳолати оперативӣ дар кишварҳои аъзои ГАО дар самти хавфҳои мавҷуда ва эҳтимолӣ, мутобиқнамоӣ ва ҷамъоварии тадқиқоти қаблии ГАО, мубодилаи амалия, раванди омӯзиши типологӣ ва таҷрибаи автоматикунонии корҳои таҳлилӣ, ворид намудани тағйирот ба Регламенти баргузории ҷаласаҳои пленарӣ ва ҷаласаҳои гурӯҳҳои корӣ, инчунин дигар масъалаҳо мавриди муҳокимаи ҷонибҳо қарор дода шуданд.



Дар ин асно, доир ба амалишавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони

Ҷумҳурии Тоҷикистон”, инчунин вобаста ба тағйиротҳои дар қонуни мазкур баамаломада ва мониторинги ҳамаҷонибаи ҷамъоварии маблағҳо маълумот пешниҳод гардида, мутобиқатии он ба принсипҳои асосии ФАТФ эътироф карда шуд.

Ҳамзамон бо ин, дар ҳафтаи пленарии ГАО рӯзи 23 ноябри соли 2022 аввалин Форуми намояндагони парлумони кишварҳои аъзои ГАО баргузор гардида, аз ҷониби Тоҷикистон дар кори Форум Шоҳмурод Рустам - раиси кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният иштирок ва суханронӣ намуд.

Инчунин, дар ин рӯз ҷаласаи 21-уми ШРМКМ ИДМ ташкил ва гузаронида шуд.

Рӯзҳои 24 ва 25 ноябр ҷаласаи 37-уми пленарии ГАО доир гардид, ки дар он бо сухани ифтитоҳӣ муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Усмонзода Усмоналӣ баромад намуд.

Дар чорабинии мазкур ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Ализода Зариф – Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ иштирок ва аз рӯи масъалаҳои рӯзномаи чорабинӣ муҳокимаронӣ намуданд.




Намояндагони Департамент дар чорабиниҳое, ки бо ташаббуси ГАО ташкил ва баргузор мегарданд, ҳамчун аъзои гурӯҳҳои кории ниҳоди мазкур иштирок ва аз рӯи масъалаҳои гузошташуда саҳми худро мегузоранд. Дар давраи ҳисоботӣ дар қатори дигар чорабиниҳои муҳим, ки доир гардиданд,

онҳо дар Форуми Авруосиё оид ба МКД/МТ аз 19 то 21 июли соли 2022 дар шаҳри Нур-Султони Ҷумҳурии Қазоқистон, инчунин дар ҷаласаҳои гурӯҳҳои кории ГАО ва ҷаласаи 36-уми пленарии ин ниҳод аз 30 май то 3 июни соли 2022 дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ширкат варзиданд.

## Маркази омӯзишӣ-методии Департамент

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани яке аз талаботи Консепсияи миллии МКД/МТ/МПСҚО барои солҳои 2018-2025, бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 7 декабри соли 2018, маркази омӯзишӣ-методии департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Тибқи таҷрибаи мақомоти кашшофии молиявии кишварҳои аъзои ГАО Маркази омӯзишӣ-методӣ низоми бисёрзинавии омӯзиш ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти танзим ва назорати давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва бахши хусусиро ба роҳ мемонад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ташкили курсҳои омӯзишӣ дар Марказ пулакӣ буда, маблағ аз ҷониби иштирокчиён мутобиқи нархнома, ки аз ҷониби Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, пардохт мегардад.

Аз давраи таъсис бо ташаббуси Марказ як қатор курсҳои омӯзишӣ барои намояндагони субъектҳои ҳисоботдиҳанда (ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ) баргузор гардиданд, ки дар онҳо қариб 300 нафар ширкат варзиданд.

Ҳамзамон, дар соли 2022, бо ташаббуси Маркази омӯзишӣ-методии Департамент курсҳои зерини омӯзишӣ барои намояндагони субъектҳои ҳисоботдиҳанда дар самти МКД/МТ/МПСҚО баргузор гардиданд:

- 23 - 25 феврали соли 2022 – барои кормандони ташкилотҳои суғуртавӣ (9 нафар);
- 31 август - 02 сентябри соли 2022 – барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва мутахассисони шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд (70-нафар);
- 6 - 9 декабри соли 2022 - барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва мутахассисони шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар ш. Бохтар (73 нафар).

Дар рафти омӯзиш шунавандагони курс бо самтҳои мухталифи мавзуъҳои марбут ба МКД/МТ/МПСҚО шинос шуданд, аз ҷумла:

- Асосҳои ба вуҷуд омадани стандартҳои байналмилалӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО ва татбиқи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти МҚД/МТ/МПСҚО;
- Пешниҳоди ҳисобот оид ба аҳди/амалиёти шубҳанок ва ҳатман назоратшаванда;
- Ошкорнамоии ҳолатҳои маблағгузории терроризм ва ҷиноятҳои предикатӣ.

Дар анҷом ба иштироккунандагони чорабиниҳои омӯзишӣ сертификати хатми курси мазкур тақдим гардид.

### Олимпиадаи байналмилалӣ доир ба бехатарии молиявӣ (ш.Сочи, Федератсияи Россия)

Чорабиниҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ пайваста аз ҷониби кишварҳои аъзои ГАО гузаронида мешаванд. Дар давраи ҳисоботӣ Олимпиадаи II-юми байналмилалӣ доир ба бехатарии молиявӣ (Олимпиада) аз 10 то 14 октябри соли 2022 дар шаҳри Сочии Федератсияи Россия баргузор карда шуд.

Дар доираи ин чорабинии сатҳи баланд 10 октябр дар қаламравӣ федералии "Сириус" ҷаласаи 20-уми ШРМКМ ИДМ низ баргузор гардид. Иштирокчиёни ҷаласа тадбирҳоро оид ба паст намудани хавфҳои истифода шудани ҷиноят дар амалҳои қаллобӣ ва технологияҳои нав муҳокимаронӣ намуданд.

Илова бар ин, дар рафти ҷаласа натиҷаҳои нахустини Гурӯҳи коршиносон оид ба баррасии Созишнома дар бораи таъсиси Маркази байналмилалии баҳодиҳии хавфҳои қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм баррасӣ карда шуд.



Олимпиада ҳамасола бо розигии Президенти Федератсияи Россия ва ташаббуси Хадамоти федералии мониторинги молиявии Федератсияи Россия

бо мақсади ҷустуҷӯ ва муайян намудани ҷавонони соҳибистеъдоду болаёқат ва ҷалби онҳо ба кор дар самти МКД/МТ/МПСҚО, зери унвони оммавӣ кардани амнияти молиявӣ, ташаккули тафаккури нав дар байни ҷавонон - аз амнияти шахсӣ то амнияти давлатӣ дар маркази федералии "Сириус" - и шаҳри Сочи баргузор мегардад.

Дар баробари дигар мактаббачагон ва донишҷӯёни кишварҳои ширкаткунанда, донишҷӯён (10 нафар) аз макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бевосита аъзои Институти байналмилалии шабакавӣ дар самти мубориза ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм (МКД/МТ), аз ҷумла Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон мебошанд, дар Олимпиада ширкат варзиданд.



Нахуст бояд қайд намуд, ки марҳилаи интихоби иштирокчиёни Олимпиада моҳҳои апрел-июни соли 2022 дар маконҳои марказҳои таълимӣ ва илмии аъзои Институти байналмилалии шабакавӣ дар самти МКД/МТ баргузор гардида, аз миёни даҳҳо ҳазор иштирокчиён 500 нафар беҳтарин мактаббачагон ва донишҷӯён аз тамоми Федератсияи Россия, аз давлатҳо иштирокдори ИДМ ва давлатҳои аъзои  БРИКС интихоб шуданд.

Аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Олимпиада 10 донишҷӯ, аз ҷумла 4 нафар аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 3 нафар аз Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва 3 нафар аз Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон  ширкат варзиданд.

Дар Олимпиада аз миёни 500 нафар беҳтаринҳо, 27 мактаббачагон ва 72 донишҷӯён аз 12 кишварҳои ширкаткунанда ғолиб баромада, теъдоди умумии тамошобинони чорабиниҳо зиёда аз 3 миллион нафарро ташкил дод.

Боиси зикр аст, ки аз рӯи натиҷаҳои Олимпиада донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар номинатсияи бозии интеллектуалии “ДОТ2” сазовори ҷойи аввал ва донишҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз фанни “Бехатарии иттилоотӣ” сазовори ҷойи 5-ум гаштанд.

Ҳамзамон, ҳамаи донишҷӯён дар “Мастер классҳо” фаъолона ширкат варзида, сазовори сертификатҳо гаштанд. Барои иштироки фаъолона устодони донишгоҳҳои номбурда бо “Граммотаи фахрӣ” сазовор дониста шуданд.

Дар Маркази таълимии "Сириус" инчунин бо ташаббуси Институти тадқиқоти молиявии Вазорати молияи Федератсияи Россия Конфронси байналмилалӣ дар мавзуи “Низоми муттасили ташаккули саводнокии молиявии аҳолӣ: таҷрибаи кишварҳои ИДМ” баргузор гардид, ки дар кори он аъзоёни Институти байналмилалии шабакавӣ дар самти МҚД/МТ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ширкат варзиданд.

Дар кори конфронс барномаи густурдаи ҳамкорӣ бо кишварҳои ИДМ дар татбиқи тадбирҳо оид ба баланд бардоштани саводнокии молиявии шаҳрвандон аз ҷониби Институти тадқиқоти молиявии Вазорати молияи Федератсияи Россия таҳияшуда дида баромада шуд.

Ҳамчунин, санаи 13-уми октябри соли 2022 дар маркази таълимии "Сириус", ҷаласаи 17-уми Шурои Институти байналмилалии шабакавӣ дар самти МҚД/МТ баргузор гардид. Дар ин ҷаласа якчанд муассисаҳои таълимӣ ва бизнес-ташкилотҳо аъзои Институти байналмилалии шабакавӣ дар самти МҚД/МТ гаштанд. Маълум менамоем, ки соли 2022 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун аъзои Институти байналмилалии шабакавӣ дар самти МҚД/МТ интихоб гардид.

## Намоишгоҳи Институти шабакавии байналмилалӣ оид ба “Таҳсил ва касб дар соҳаи МҚД/МТ” дар ш. Душанбе

Бо ташаббуси Маркази байналмилалии омӯзишӣ-методии мониторинги молиявии Федератсияи Россия (МБОМММ) ва Институти шабакавии байналмилалӣ дар самти МҚД/МТ, бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои 15 ва 16-уми сентябри соли 2022, дар заминаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Намоишгоҳи Институти шабакавии байналмилалӣ оид ба “Таҳсил ва касб дар соҳаи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм” баргузор карда шуд.

Санаи 16-уми сентябр дар рафти маросими расмии кушодашавии Намоишгоҳ созишномаи ҳамкорӣ байни Институти шабакавии байналмилалӣ

ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба имзо расонида шуда, дар кори он намояндагони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд.



Роҳбарияти Донишгоҳ оид ба муҳиммияти баргузории намоишгоҳи мазкур барои васеъ намудани фаҳмиши ҷавонон дар бораи амнияти молиявӣ ва таҳсил дар ин самт, баланд бардоштани шавқу рағбати донишҷӯён ва мактаббачагон ба касби бехатарии молиявӣ, ҳалли илмию технологӣ сухан ронда, ба МБОМММ ва институтҳои ҷалбшуда ҷиҳати интихоб ва гузаронидани чунин чорабинии сатҳи баланд изҳори миннатдорӣ намуданд.

Дар намоишгоҳ 11 донишгоҳу марказҳои илмии Федератсияи Россия ташриф оварданд, ки дар кори он донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва иштирокдорони чорабинӣ аз кору фаъолият, раванди омӯзиш ва интихоби донишҷӯён дар ин марказҳои таълимӣ шинос шуданд. Дар маросими кушодашавӣ ва дар тули ду рӯзи фаъолияти Намоишгоҳ зиёда аз панҷ ҳазор донишҷӯёну талабагони муассисаҳои миёнаи умумии таҳсилотӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи донишгоҳу марказҳои гуногуни самти бехатарии молиявии Федератсияи Россия баҳра гирифтанд.

Ҳадаф аз баргузории намоишгоҳ баланд бардоштани таваҷҷуҳи насли наврас ба таҳсилоти соҳаи бехатарии молиявӣ ва касби корманди иктишофии молиявӣ, дастгирии ҷавонон ва ҷалби онҳо ба кор дар соҳаи мубориза бо пулшӯӣ мебошад.

Ғайр аз ин, дар давраи ҳисоботӣ, як қатор курсҳои омӯзишӣ дар самти МКД/МТ/МПСҚО тариқи видеоконференсия барои намояндагони мақомоти дахлдори кишвар бо ташаббуси ГАО, МБОМММ ва дигар ниҳодҳои байналмилалӣ баргузор гардиданд.